*УДК 330*
*ББК 65-561*

## *ЛОИҲАИ САРМОЯВӢ ЧУН УНСУРИ АСОСИИ ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ НИЗОМҲОИ МИНТАҚАВИИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ*

***Бобоҷонов Даврон Дадоҷонович,*** *д.и.и., профессори ДДҲБСТ;* ***Аҳмадзода Раҷаббой,*** *унвонҷӯи кафедраи иқтисоди ҷаҳонии ДДҲБСТ;* ***Раҳимова Нигора Шарифҷоновна,*** *ассистенти кафедраи молия ва қарзи ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## *ИНВЕСТИЦИОННЫЙ ПРОЕКТ КАК КЛЮЧЕВОЙ ЭЛЕМЕНТ ОБЕСПЕЧЕНИЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНАЛЬНЫХ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ СИСТЕМ*

***Бабаджанов Даврон Дадоджанович,*** *д.э.н., профессор ТГУПБП;* ***Ахмадзода Раджаббой,*** *соискатель кафедры мировой экономики ТГУПБП;* ***Рахимова Нигора Шарифджановна,*** *ассистент кафедры финансов и кредита ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

## *INVESTITIVE PROJECT AS A KEY ELEMENT OF ENSURING SUSTAINABLE DEVELOPMENT IN REGARD TO REGIONAL SOCIO-ECONOMIC SYSTEMS*

***Babadjanov Davron Dadajohnovich****, Dr. of Economics, Professor TSULBP;* ***Akhmadzoda Rajabboy****, claimant for candidate degree of the department of world economy under the TSULBP;* ***Rakhimova Nigora Sharifdjanovna****, Assistant of the Department of Finances and Credit of TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *bobojonovd@rambler.ru*

***Калидвожаҳо:*** *лоиҳа, лоиҳаи сармоявӣ, лоиҳаи минтақавии сармоявӣ, рушди устувор, низоми минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ.*

*Мафҳуми «лоиҳа» баррасӣ гардида, сермаъноӣ ва вижагиҳои истифодаи он дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт муайян карда шудааст. Хусусиятҳои махсус, вижагиҳои хоса ва аломатҳои лоиҳаҳои сармоявӣ муқаррар карда шудаанд. Собит гардидааст, ки лоиҳаи минтақавии сармоявӣ яке аз унсурҳои муҳимми таъмини рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа ба шумор меравад. Ҷанбаҳои умумии консепсияи лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ – ташкилаҳо, мақсад ва мушкилоти амалигардонии лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ инъикос шудааст, нақши онҳо дар рушди стратегии минтақаҳо кушода дода, омилҳое, ки ба миқёси фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа таъсир мерасонанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аломатҳои асосии лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ, ки аз рӯи онҳо ҷоришавии бомуваффақияти унсурҳо лоиҳаҳои мазкур дар минтақа арзёбӣ мегарданд, ҷамъбаст гардидааст.*

***Ключевые слова:*** *проект, инвестиционный проект, региональный инвестиционный проект, устойчивое развитие, региональная социально-экономическая система, реализация инвестиционных проектов*

*Рассмотрено понятие «проект», определена его многозначность и отмечено*

*применение в различных сферах экономики. Выявлены характерные особенности, специфические свойства и признаки инвестиционных проектов. Показано, что одним из важных элементов обеспечения устойчивого развития региональных социально-экономических систем выступает региональный инвестиционный проект. Приведены общие аспекты концепции региональных инвестиционных проектов – понятие и терминология, составляющие, цели и задачи. Изучена проблема реализации региональных инвестиционных проектов, раскрывается их роль в стратегическом развитии регионов, а также показаны факторы, оказывающие влияние на масштаб инвестиционной деятельности в регионе. Обобщены основные признаки региональных инвестиционных проектов, по которым можно оценить успешность внедрения их элементов в регионе.*

***Key words:*** *project, investitive project, regional investitive project, sustainable development, regional socio-economic system, realization of investitive projects*

*The article dwells on the notion "project", its polysemy is defined and its application in different spheres of economics is marked. Characteristic peculiarities, specific properties and signs of investment projects are elicited. The authors of the article underscore that it is a regional investment project that functions as one of the important elements ensuring sustainable development of regional socio-economic systems. They adduce general aspects of a conception concerned with regional investment projects – notion and terminology, constituents, objectives and goals. The authors have studied the problem of implementation of regional investitive projects, the role of the latters is disclosed in strategic development of regions, they have also shown the factors exerting influence on the scales of investment activity in the region. The basic tokens of regional investitive projects have been generalized, success of inculcation of their elements into the region can be evaluated by means of these tokens.*

Ҷидду ҷаҳди ҳар як давлат барои ноил гардидан ба рушди устувор равона шуда, он дар шароити ҷаҳонишавӣ чун муаммои дорои миқёси умумибашарӣ маҳсуб меёбад. Дар шароити муосир ҷараёни инкишоф ва умқи тағйироте, ки дар тамоми унсурҳои низоми иҷтимоию иқтисодӣ ба вуқӯъ меоянд, зарурати истифодаи маҷмӯи чорабиниҳои муосирро, ки ба таъмини рушди устувори минтақаҳо равона шудаанд, муайян мекунад. Аз ҷониби муҳаққиқон исбот гардидааст, ки барномаҳо ва лоиҳаҳои давлатию минтақавии ҳадафманд олати самараноки амалигардонии чунин чорабиниҳо ба ҳисоб меравад [19, с. 10; 9, с. 644].

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ кайҳо боз лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ фаъолона барои амалигардонии стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии марзҳо (сарзамин), ноил гардидан ба афзалияти рақобатӣ ва рушди устувори онҳо истифода бурда мешаванд.

Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қайд карда шудааст, ки амалигардонии лоиҳаҳои минтақавӣ ба Тоҷикистон дар истеҳсоли молу хадамот, васеъ намудани имкониятҳои транзитии мамлакат, инчунин барои гузоштани ҳиссаи муайяни худ дар рушди устувори мамлакатҳои тараққикардаистодаи минтақаи осиёӣ имконияти пешсафи минтақавӣ шуданро медиҳад [18, с.8].

Дар ин мақола мо ният дорем ҷабҳаҳои назариявии лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ, инчунин таъсири бомуваффақияти онҳоро ба рушди устувори низомҳои минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Имрӯзҳо дар илми иқтисодиёт муносибату назарияи илман асоснок дар бобати лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ ва таснифи онҳо вучуд надорад. Ғайр аз он, оид ба ташаккул ва амалигардонии лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ пешниҳодҳои методологии самарабахши расман эътирофгардида вуҷуд надоранд.

Дар адабиёти иқтисодӣ категорияи «лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ» ба таври васеъ истифода мешавад. Барои тасаввуроти пурра пайдо кардан дар бораи ин категория, бояд мафҳумҳои «лоиҳа» ва «лоиҳаи сармоявӣ»-ро мавриди таҳлил қарор диҳем. Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки ҳарчанд таърифҳои зиёди «лоиҳа» мавҷуданд, онҳо умуман ба якдигар ихтилоф надоранд, балки яке дигареро пурра менамоянд.

Дар «Луғати истилоҳоти иқтисодии муосир»-и Б.А. Райзберг ва Л.Ш. Лозовский ин мафҳумро чунин шарҳ додаанд: лоиҳа-проект (*лот.* projectus, *таҳтуллафзӣ.*: ба пеш партофташуда) ғояи ибтидоӣ, тимсоли объекти сохташаванда, ки дар намуди тавсиф, схема, нақша, ҳисобҳо, асосноккунӣ, нишондиҳандаҳои арқомӣ пешниҳод шудааст. Лоиҳаҳо иҷтимоӣ, иқтисодӣ, техникӣ, сохтмонӣ мешаванд. Лоиҳаҳои иқтисодӣ моҳиятан нақша, барномаи сохтани объекти иқтисодӣ, ҳалли муаммоҳои иқтисодиро инъикос мекунад [16, с. 298].

Олими рус И.И. Мазур мафҳуми «лоиҳа»-ро ҳамчун сохтмон ё таҷдиди ҳадафманд, пешакӣ таҳия гардида ва ба нақша гирифтаи объектҳои физикӣ, равандҳои технологӣ, ҳуҷҷатҳои техникӣ ва ташкилии онҳо, захираҳои моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ ва захираҳои дигар, инчунин қарорҳои идоракунӣ ва тадбирҳои иҷрои онҳо шарҳ медиҳад [10, с. 20].

Лоиҳа мумкин аст дар намуди ғоя танҳо дар шуури инсон боқӣ монад ва дар ягон ҳомили иттилоот инъикос нагардад, бинобар он, мафҳуми он бояд чунин имконият низ ба назар гирад. Бо дарназардошти ин ҳолат В.И. Денисенко ва Н.М. Филимонова таърифи умумии «лоиҳа»-ро пешниҳод намуданд. Аз рӯи ақидаи онҳо, «лоиҳа», умуман, ғояест, ки барои истифодаи (татбиқи) амалӣ омода шудааст. Дар зери мафҳуми ғоя матлаб ё ниятеро мефаҳманд, ки дар намуди пешниҳод ё ин ки ихтироъ инъикос мегардад. Омода кардан ё таҳия амали коркард ва офаринишро ифода мекунад. Дар ин маврид шаклҳои тайёрӣ метод, усул, алгоритм, барнома, нақша, чорабинӣ, пешниҳодот, ҳуҷҷатҳо дар намуди тарҳрезӣ, сабтҳои тавзеҳотӣ, формулаҳо, ҳисобҳо, тавсифҳо ва ғ.; макет, амсила, намуна, восита, ҳисоботи илмӣ, дастнавис барои нашр, стандартҳо ва монанди инҳо ба шумор мераванд. Истифодаи амалӣ дар ҳалли вазифаи мушаххас оид ба татбиқи ғоя дар ҳаёт дар шароити додашуда таҷассум меёбад.

Зери мафҳуми лоиҳа ба маънои маҳдуд дар корхона ва муассисаҳо маҷмӯи муназзами ҳуҷҷатҳои нақшавӣ (молиявӣ, технологӣ, ташкилӣ ва ғ.) ва базаи иттилоотии онро нигоҳдоранда, ки дорои амсилаи маҷмӯии мунназами фаъолият оид ба ноилшавӣ ба мақсади нодир мебошад, фаҳмида мешавад. Дараҷаи ҳадди ақалли мафҳуми «лоиҳа» матни пешакии ин ё он ҳуҷҷат (лоиҳаи қарор, созишнома ва ба монанди онҳо) аст [4, с. 5].

Е.С. Чаркина лоиҳаро ҳамчун маҷмӯи нодири амалҳо, унсурҳо ва равандҳо мешуморад, ки онҳо дар тӯли фосилаи маҳдуд ва пешакӣ муайяншудаи вақт вусъат меёбанд ва амалӣ мегарданд ва ба ноил гардидан ба мақадҳои муқарраргардидаю натиҷаҳои ниҳоӣ дар ҳамин вазъияти мушаххас, ки он бо мавҷудияти захираҳои

маҳдуди идоравӣ, молиявӣ ва моддӣ тавсиф мешавад, нигаронида шудааст [20, с. 9].

Мафҳуми мазкури лоиҳа моҳиятан сермаъно мебошад, бинобар ин дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт истифода бурда мешавад. Аз ин лиҳоз фарқи лоиҳаҳо, пеш аз ҳама, дар гуногуншаклии натиҷаи онҳо, аз ҷумла маҳсулот - моли ниҳоӣ; хадамот ва технология; ҳуҷҷат (масалан, лоиҳаи санади меъёрӣ, лоиҳаи тадқиқотӣ ва ғ.) зоҳир мегардад.

Алҳол лоиҳаҳои ин ё он субъектони хоҷагидор дар асоси стандартҳои байналхалқӣ ва корпоративии идоракунии лоиҳаҳо таҳия мешаванд. Усули лоиҳакашиеро, ки дар таҷрибаи байналхалқӣ истифода бурда мешавад ва дар Project Management Body of Knowledge (PMBoK) ва Organizational Project Management Maturity Model (OPMMM) оварда шудааст, Пажӯҳишгоҳи амрикоии идоракунии лоиҳаҳо таҳия кардааст [21]. Стандарти авроосиёии идоракунии лоиҳаҳо (САИЛ) дар асоси дастовардҳои беҳтарини ҷаҳонии менеҷменти лоиҳавӣ бо дарназардошти хусусиятҳо, арзишҳо ва мақсадҳои минтақаи авроосиёӣ таҳия гардидааст, ки бомуваффақият истифода мешавад. Вай тақсимоти равандии сохтори лоиҳаро инъикос мекунад, ки ба талаботи PMBoK мутобиқ аст [4, с. 10].

Дар шароити муосири дастрасии маҳдуди субъектони хоҷагидорӣ ба бозорҳои молиявии байналхалқӣ ва паст шудани фаъолнокии иқтисодии молистеҳсолкунандагони миллӣ олати нисбатан нави сармоягузорӣ, ба монанди лоиҳаи сармоявӣ роиҷ шуда истодааст.

**Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» таърифи аниқи лоиҳаи сармоявӣ дода шудааст. Дар моддаи 1-и ин қонун қайд гардидааст, ки лоиҳаи сармоягузорӣ** – лоиҳаи тиҷоратиест, ки ҳаҷми назарраси сармоягузориро пешбинӣ намуда, дараҷаи баланди таваккалҳои молиявӣ, технологӣ, экологӣ ва дигарро дар бар мегирад ва барои рушди бахши муайяни иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии Тоҷикистон аз лиҳози стратегӣ муҳим мебошад [8].

Зери мафҳуми «лоиҳаи сармоявӣ» пайдарҳамии амалҳо фаҳмида мешавад, ки бо асосноккунии ҳаҷм ва тартиби гузориши воситаҳо, гузориши воқеии онҳо, ба кор андохтани иқтидорҳо арзёбии ҷории ҳадафмандии нигоҳдорӣ, идомати лоиҳа ва арзёбии ҷамъбастии самарабахшии лоиҳа баъд аз ба итмом расидани он алоқамандand [6, с. 186].

О.Ф. Бистров, В.Я. Поздняков, В.М. Прудников, В.В. Персов, С.В. Казаков дар тадқиқоти худ қайд кардаанд, ки лоиҳаи сармоявӣ маҷмӯи ниятҳо, ҳуҷҷатҳо ва амалҳои аз рӯи низом муттаҳидгардида оид ба амалигардонии сармоягузорӣ, таъмини натиҷаҳои молиявӣ-иқтисодӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоии муқарраршуда аст [2, с. 77].

И.И. Мазур қайд мекунад, ки лоиҳаи сармоявӣ – амалҳои сармоягузорӣ мебошад, ки гузориши миқдори муайяни захираҳо, аз ҷумла захираҳои интеллектуалӣ, молиявӣ, моддӣ, инсониро барои ба даст овардани натиҷаи нақшавӣ ва мақсадҳои муайян дар муҳлати муқарраргардида пешбинӣ мекунад.

Аксаран, самараи натиҷаи молиявии лоиҳаи сармоявӣ фоида/даромад мебошад, натиҷаи моддиву молӣ бошад фондҳои асосии (объектҳои) нав ё таҷдидгардида, ё харидану истифода бурдани олоти молиявӣ ё активҳои ғайримоддӣ ва минбаъд гирифтани даромад ба шумор меравад [10, с. 20]. Дар таълифотҳои илмӣ дигар ақидаҳоро низ оид ба масъалаи баррасишаванда дидан мумкин аст. Ба фикри мо,

доираи (спектр) васеи мафҳумҳои мавҷуда бо бисёршаклии вазифаҳо вобастагӣ дорад, ки дар ҳалли онҳо ин категория истифода бурда мешавад. Бинобар ин одатан тавсифи ин категория бисёрҷабҳа мебошад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, мафҳуми лоиҳаи минтақавии сармоявиро ба риштаи таҳлил мекашем. Бо назардошти он ки категорияи мазкур ба таври васеъ омӯхта мешавад, он дар доиратулмаорифу фарҳангҳо мавқеи муайянро ишғол мекунад.

Дар «Луғат ва энсиклопедияи дар Академик» чунин омадааст: «... Лоиҳаи минтақавии сармоявӣ лоиҳаи сармоявии дорои аҳамияти минтақавӣ ва байнимин-тақавӣ мебошад, ки дар шароити шарикии давлатию хусусӣ амалӣ гардида, ба рушди иҷтимоию иқтисодии субъекти (субъектҳо дар мавриди лоиҳаи байниминтақавии сармоягузорӣ) Федератсияи Русия дар бобати ташкил ва (ё) рушди объектҳои нақлиётӣ, муҳандисӣ ва ё инфрасохтори энергетикии моликияти мунисипиалии арзишашон камаш 500 млн. рубл нигаронида шудааст» [22].

Дар қисми 1, моддаи 25.8-и Кодекси андози Федератсияи Русия қайд гардидааст, ки лоиҳаи минтақавии сармоявӣ – ин лоиҳаи сармоявиест, ки мақсади он фаъолияти истеҳсолӣ оид ба тайёр намудани молҳои ҷавобгӯ ба талаботи махсуси дар қонун муайян гардида мебошад, ки нисбат ба онҳо имтиёзҳои андозӣ татбиқ мешаванд [13].

Лоиҳаи минтақавии сармоявӣ ҳамчун яке аз унсурҳои низоми иҷтимоию иқтисодӣ тамоми хусусиятҳое, ки ба ин низом хос аст, доро мебошад ва ҳамзамон аз якчанд хусусиятҳои вижа низ бархурдораст.

Лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ ба синфи низомҳои кушода тааллуқ доранд, зеро онҳо барои мубодилаи иттилоот кушода ҳастанд ва ба туфайли ин қобили фаъолият мешаванд. Мушаххасоти воридотии лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ метавонанд дар шакли ноошкор пешниҳод карда шаванд, ки он бо нигоҳдории сирро, инчунин бо идроки вариантҳои имконпазири лоиҳаҳо ҳамчун низом вобаста аст.

Ба даст омадани натиҷаҳои матлубро бо ин ё он сатҳи эҳтимолият низ аз ҷумлаи хусусиятҳои лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ шуморидан мумкин аст. Дар бобати равандҳое, ки дар дохили низом ба вуҷуд меоянд, яъне таҳияи лоиҳаи сармоявӣ то татбиқи он ба ҳаёт, гуфтан лозим аст, ки онҳо марҳилавӣ нестанд, самтияту шиддатнокии онҳо метавонад вобаста аз ҳадафҳои лоиҳа тағйир ёбад.

Лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ дар низоми идораи захираҳои сармоявӣ нишонаҳои муайян доранд, ки бояд бо мақсади идораи самараноки онҳо ба инобат гирифта шаванд [5, с. 149].

Дар асоси таҳлили лоиҳаҳои сармоявӣ дар тадқиқоти худ А.К. Сафоев тафсири назариявии лоиҳаи минтақавии сармоявиро дар сатҳи минтақавӣ ва дар сатҳи миллӣ пешниҳод намудааст. Ӯ қайд кардааст, ки дар сатҳи минтақавӣ лоиҳаи сармоявӣ лоиҳаи дорои хусусияти молиявӣ мебошад, ки маъмурияти минтақа дар асоси таъмин будан бо захира ва интихоби афзалиятҳо пешниҳод кардааст ва онро ниҳодҳои минтақавию субминтақавии идора амалӣ мегардонанд. Дар сатҳи миллӣ бошад, лоиҳаи минтақавии сармоявиро ҳамчун олати ҷалби сармоягузории ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ, ки барои комёбшавӣ ба мақсадҳо ва барномаҳои стратегии рушди минтақа мусоидат мекунад, фаҳмидан мумкин аст [17, с. 28].

Муаммои рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он ба наздикӣ ба миён омад, бинобар ин, масъалаи гузариши мамлакат ба рушди устувор алалхусус, дар иртибот бо зарурати танзими давлатии ин раванд беш аз пеш диққат ҷалб

менамояд.

Имрӯзҳо муаммои рушди устувори низомҳои иҷтимоию иқтисодиро ҳамчун яке аз муаммоҳои глобалии муосир баррасӣ мекунанд. Таъмин кардани маҳз чунин хусусияти рушд тақозо карда мешавад [3, с. 53].

Худи мафҳуми «рушди устувор» (sustainable development) дар адабиёти хориҷӣ дар охири солҳои 80-уми асри гузашта ба вуҷуд омад ва дар маводҳои Конференсияи СММ (Рио де Ҷенейро, 1992) оид ба муҳити зист ва рушд истифода шуда буд. Дар конференсия зарурати дарки робитаи байни муҳити зист ва муаммоҳои рушди иқтисодиёти босамар, иҷтимоиёти боадолат ва экологияи оқилона қайд карда шуда буд. Ба ҳамаи давлатҳо тавсия дода шуда буд, ки чораҳоро оид ба ҳифзи муҳити зист ва саломатии инсон, ки бо он комилан вобаста аст, ба барномаҳои рушди миллӣ ҳамроҳ намоянд.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи октябри соли 2007 «Консепсия гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор» тасдиқ карда шуд, ки мақсади стратегии он таъмини рушди босуботи иҷтимоию иқтисодӣ бо нигоҳ доштани муҳити мусоиди зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ҷиҳати қонеъгардонии эҳтиёҷоти наслҳои имрӯза ва ояндаи кишвар мебошад.

Масъалаҳои таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақаро омӯхта, В.А. Козловский ба таври умумӣ рушди устуворро чунин шарҳ медиҳад: раванди созгор сохтани қувваҳои истеҳсолкунанда, таъмини қонеъгардонии талаботи зарурии ҳамаи аъзои ҷамъият, бо шарти нигоҳдории томияти муҳити табиии зист ва ба вуҷуд овардани имкониятҳо барои мувозинати байни иқтидори иқтисодӣ ва талаботи тамоми наслҳои одамон. Рушди устувори минтақа, ба фикри вай, бояд тавассути нигоҳдории ҳамаи таносуби такрористеҳсолоти минтақавӣ дар ҳудуди муайян таъмин карда шавад. Дар тасбити мавқеи мазкур, вай диди худро оид ба муаммои рушди устувори иқтисодиёти минтақа пешниҳод мекунад. Аз рӯи ақидаи ӯ, зери мафҳуми рушди устувори иқтисодӣ дар минтақа рушдеро фаҳмидан лозим аст, ки дар он умуман такрористеҳсоли ҳамаи омилҳои истеҳсолот ва низоми иқтисодӣ таъмин карда мешавад. Танҳо чунин рушди иқтисодиро устувор гуфта мумкин аст, ки он дар ҳолати нигоҳдории таносуби такрористеҳсоли муайян, рушди босуботи тамоми низоми иқтисодиро дар самти муқарраршуда ва дар марҳилаи вақти муайян таъмин мекунад [7, с. 136].

Рушди устувори минтақа раванди маҷмӯавист, ки ба ҳалли муаммоҳои аҳолӣ дар сатҳи минтақавӣ, ба баландшавии вазъи ҳаёти сокинони минтақа бо роҳи ба даст овардани тавозуни инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ, ки дар асоси истифодаи оқилонаи тамоми иқтидори захиравии минтақа, аз ҷумла хусусиятҳои ҷуғрофии минтақа, инчунин вижагиҳои иқтисодиёт, инфрасохтор, саноат ва имкониятҳои иқтидории шаҳрҳои алоҳидаи мансуб ба ин минтақа амалӣ мегардад, мусоидат мекунад [15, с. 219-220].

Таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа ба вазифаҳои стратегии муҳими давлатӣ тааллуқ дорад ва имрӯзҳо он дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истодааст.

Рушди бомуваффақияти низоми минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ аз якчанд омилҳо (шароит, захираҳо), аз он ҷумла, аз вазъи захираҳои инсонӣ, шароити табиию иқлимӣ, самтияти соҳавии иқтисодиёти минтақа, сатҳи рушди муҳити ниҳодӣ,

инфрасохтори минтақавӣ ва ғайра вобаста аст [1].

Аз рӯи ақидаи А.М. Петров, зери мафҳуми «устувории низоми минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ» мӯътамадӣ, мувофиқшавӣ, қобилияти фаъолияти устувор, инкишофи он дар дурнамои дарозмуддат дар шароити зуд ивазшавандаи муҳити дохилию беруна, ба даст овардани мақсадҳои гузошташудаи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, пеш аз ҳама, баланд бардоштани вазъи некӯаҳволӣ ва ноил гардидан ба стандарти баланди сифати ҳаёти аҳолӣ дар асоси рушди иқтисодии босубот ва ба инноватсия равонашударо фаҳмидан мумкин аст [14, с. 25-26].

Бояд қайд кард, ки рушди устувори минтақа ҳамчун субъекти муносибатҳои мураккаб ва бисёрҷабҳа мувозинат, инкишофи босубот ва созгори зернизомҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Аломати асосии устувории минтақа мудовамати нигоҳдории шароитҳое мебошад, ки онҳо раванди такрористеҳсоли иқтидори ҳудуд (хоҷагидорӣ, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, табӣ-захиравӣ, экологӣ ва ғ.)-ро дар низоми мувозинат, тамоюли иҷтимоӣ ва инноватсионӣ таъмин мекунад [11].

Имрӯзҳо шарти муҳимми устувории мамлакат, умуман, аз устувории низоми иҷтимоию иқтисодӣ вобаста аст, ки чун қобилияти фаъолияти босубот ва инкишофи устувори он дар дурнамои дарозмуддат дар шароити муҳити дохила ва берунаи зудивазшаванда баррасӣ мешавад. Устувории рушди низомҳои минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ бо якчанд нишондиҳандаҳо тавсиф мешавад.

Тадқиқот шаҳодат медиҳад, ки дар шароити муосир мақомоти минтақавии ҳокимияти давлатӣ воситаҳои зиёдеро дар ихтиёр доранд, ки истифодаи онҳо дар таҷрибаи идораи минтақавӣ метавонад устувории низомҳои минтақавии иҷтимоию иқтисодиро назаррас баланд бардорад. Байни чунин механизмҳо амалигардонии лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ, шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ бояд мавқеи имтиёзнокро ишғол намоянд.

Барои амалигардонии лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ, ки ба таъмини устувории низом равона шудааст, мақомоти минтақавии ҳокимияти давлатиро лозим аст, ки технологияҳои муосири идораи равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла, нақшагирӣ, мониторинг ва ғайраро такмил диҳанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити муосири хоҷагидорӣ лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ ҳамчун унсури муҳимме маҳсуб мегарданд, ки мувозинат ва устувории рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодии иқтисодиёти минтақаро дар муҳити берунаи мутаҳаррик ва дар ин асос баланд бардоштани сифати ҳаёти аҳолӣ ва амнияти иқтисодиро таъмин менамоянд.

Бояд қайд кард, ки тавсеа ва таҳкими шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо роҳи фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои рушди муҳити соҳибкорӣ, алалхусус барои амалигардонии лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ имконпазир аст. Чӣ хеле ки таҷриба нишон медиҳад, пеш аз ҳама, ба ин мусоидат мекунад:

- ташаккули инфрасохтори зарурӣ;
- дастгирии молиявӣ (пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва ғ., маблағгузории лоиҳаҳо ва ғ.);
- таъмини ёрии машваратӣ;
- ҷалби сармоя ба территория ва ёрӣ расонидан дар ҷустуҷӯи бозори фурӯш;
- мусоидат ба таҷдиди парки технологӣ, гузаронидани КИТТК;
- пешниҳоди хизматрасониҳои гуногун, ки ниҳодҳои давлатӣистеҳсол мекунанд

(масалан, имконияти истифодаи сохтори тайёрии касбӣ);

- рушди ҳамгироӣ ва кооператсия бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои хурд.

Рушди устувори минтақаҳо имрӯзҳо такмили механизми идораи лоиҳаҳои минтақавии сармоявиро пешбинӣ мекунад, ки онҳо метавонанд масъалаҳои дохилиро бомуваффаққият ҳал кунанд ва иқтисодиёти худро пешсаф гардонанд.

Марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти миллӣ бояд чунин амсилаи хоҷагидориро истифода барад, ки дар он некӯаҳволии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҳамчунин бо технологияҳои баланд, фаъолнокии инноватсионӣ ва сатҳи баланди рушди зеҳнӣ муайян карда шавад.

Аён аст, ки дар сатҳи минтақаҳо бояд раванди фаъоли таҷдиди иқтисодиёт, сохтмони сохторҳои самарабахши инноватсионию соҳибкорӣ идома ёбад, маблағгузории лоиҳаҳои сармоявӣ барои минтақаҳо аҳамиятнок амалӣ гардад ва ғайра.

Барои таъмини рушди устувори низомҳои минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ бояд тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:

- ташаккули стратегияи инноватсионию сармоявӣ бо назардошти стратегияҳои байнивазоратӣ ва байнисоҳавӣ, инчунин гузаронидани мониторинги лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ;

- ба вуҷуд овардани муҳити мусоиди ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ барои амалигардонии лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ якҷоя бо ҳифзи моликияти зеҳнӣ;

- таъмини низоми комплексии ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо амалигардонии лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ алоқаманд ҳастанд, аз ҷумла дастгирии давлатӣ дар намуди ҷудо намудани воситаҳои буҷавӣ барои таҳия ва амалигардонии лоиҳаҳои сармоявии модернизатсионии рушди инноватсионӣ ва додани имтиёз ба иштирокдорони он, инчунин ҷалби сармоя аз дигар минтақаҳои мамлакат ва хориҷа;

- истифодаи пурратари захираҳои сохторҳои бонкӣ ва молиявии минтақа.

Ҳамин тариқ, низоми минтақавии иҷтимоию иқтисодии устувор бояд бо захираҳои молиявӣ (мавҷудияти сармояи гардон) таъмин ва универсалӣ (амалигардонии лоиҳаи сармоявӣ дар соҳаҳои дилхоҳи бахши истеҳсолӣ ва хизматрасонии иқтисодиёт) бошад.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти минтақаҳо барои татбиқи самарабахши лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули сиёсати минтақавии сармоявӣ лозим аст, ки барои амалигардонии самтҳои калидии тартиботи (уклади) нави технологӣ ва бо стратегияи рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа мувофиқакарда равона шуда бошад.

Таъмини рушди устувори низомҳои минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ бояд раванди гузориши вазифаҳо ва таҳияи лоиҳаҳо ва барномаҳои минтақавии сармоявии дахлдорро дар пояи иқтидори илмию инноватсионии мавҷудаи минтақа, ки барои рушди инфрасохтори фаъолияти инноватсионӣ лозим аст, дар бар гирад. Амалигардонии бомуваффақияти сиёсати илмию инноватсионӣ дастгирии давлатию минтақавӣ, ташаккули иқлими сармоягузории мусоид, баланд бардоштани таъсирпазирии инноватсионӣ ва омодагии инноватсионии минтақаҳо, муттаҳид намудани ҷидду ҷаҳди тамоми иштирокдорони фаъолияти илмӣ-техникиро талаб мекунад, ки оид ба зарурати ташкили низоми инноватсионии самарабахши минтақавӣ шаҳодат медиҳад.

Чӣ хеле ки қайд карда шуд, рушди устувори низомҳои минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ бо таъсири мутақобилаи якчанд унсурҳо муайян карда мешавад, ки дар байни он мавқеи асосиро лоиҳаи сармоявӣ ишғол мекунад. Тибқи арзёбии бисёре аз мутахассисон дар марҳилаи муосир ва оянда лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ ба ҳайси олати асосии таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо боқӣ мемонад, ки онҳо дастгирии сармоявии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, инчунин болоравии фаъолнокии сармоявиро дар сатҳи минтақавӣ таъмин мекунанд.

Бо қарори мушоварaи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2014 «Дастури методӣ оид ба омода ва амалигардонии лоиҳаҳои шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия карда шудааст. Ба назар чунин менамояд, ки риояи маҷмӯи муқаррароти ин ҳуҷҷат, ки ба таъмини самараноки захиравӣ ва таъминоти дигари лоиҳаҳои сармоявии муҳим равона гардидаанд, амалигардонии лоиҳаҳои минтақавии сармоявиро, ки ба истифодаи самарабахши иқтидори минтақаҳо имконият медиҳад, талаб менамояд.

Тибқи барномаҳои давлатие, ки ба рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва, алалхусус, ба рушди минтақаҳои алоҳидаи кишвар равона гардидаанд, дар давоми соли 2018 дар шаҳри Хуҷанд амалишавии 113 лоиҳа бо маблағи умумии 190,2 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз буҷети ҷумҳуриявӣ 9,6 млн. сомонӣ, буҷети вилоятӣ 3,7 млн. сомонӣ, буҷети маҳаллӣ 13,1 млн. сомонӣ, соҳибкорон ва аҳолӣ 64,3 млн. сомонӣ, сармояи хориҷӣ 70,7 млн. сомонӣ ва ғайра пешбинӣ гардидааст. Аз лоиҳаҳои мазкур дар соҳаҳои саноат 8 адад, сохтмон 3, соҳибкории хурду миёна 26, маориф 11, тандурустӣ 8, фарҳанг 10, хоҷагии манзилию коммуналӣ 7, таъмини барқ 13, нақлиёт ва роҳ 7, бахши муҳити зист 13 ва таъминоти оби нӯшокӣ 5 лоиҳа мувофиқи нақша татбиқ шуда истодаанд.

Бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ, истифодаи ҳадафманди захираҳои табиӣ ва нерӯи инсонии минтақа якчанд лоиҳаҳои сармоявӣ, аз ҷумла сохтмони коргоҳи коркарди пӯст ба маблағи 12,5 млн. доллари амрикоӣ, фабрикаи пойафзол ба маблағи 12,6 млн. доллари амрикоӣ, коргоҳи истеҳсоли зарфҳои шишагӣ ба маблағи 17,0 млн. доллари амрикоӣ, коргоҳи коркарди мева ва истеҳсоли консерва ба маблағи 11,7 млн. доллари амрикоӣ, яхдону сардхонаҳои гуногунҳаҷм ба маблағи 3,1 млн. доллари амрикоӣ, фабрикаи дорусозӣ ба маблағи 45,0 млн. доллари амрикоӣ ва фабрикаи қаннодӣ ба маблағи 3,5 млн. доллари амрикоӣ мавриди дар марҳилаи омодасозӣ қарор доранд. Бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда барои рушди соҳаҳои дигари афзалиятнок низ бо ҷалбу сармоягузорони дохиливу хориҷӣ ва институтҳои молиявӣ лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ омода шуда истодаанд, ки татбиқи онҳо ба рушди устувори низомҳои минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонанд.

Олим ва мутахассис оид ба масъалаҳои ҳамкориҳои сармоявӣ А.Г. Назаров масъалаи амалигардонии барномаҳои сармоявии минтақавиро тадқиқ намуда, қайд кардааст, ки мақсади асосии барномаҳои сармоявии минтақавӣ таҳия ва татбиқи маҷмӯи чорабиниҳои ҳадафманд ба ҳисоб меравад, ки барои дар минтақа ба вуҷуд овардани иқлими сармоявии мусоид, рушди инфрасохтори институтсионалӣ ва мулоими бозори сармоявии минтақавӣ, амалигардонии бевоситаи сиёсати сармоявии минтақавӣ ва инчунин лоиҳаҳо ва барномаҳои сармоявии мушаххас равона шудаанд [12, с. 27].

Амалигардонии лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ аз нуқтаи назари рушди соҳавӣ низ аҳамияти калон дорад. Онҳо метавонанд назорати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро ба объектҳои барои иқтисодиёти минтақа аҳамияти стратегӣ дошта, танзими масъалаҳои ташкил ва фаъолияти сохторҳои ҳамгиро ва маҷмӯъҳои ҳудудию саноатӣ, баланд бардоштани самарабахшии идораи амволи давлатӣ ва ҳалли як қатор масоили дигарро таъмин намуда, ба рушди устувор ва баланд бардоштани ҷаззобияти корхонаҳои саноатӣ шароити мусоид фароҳам оранд.

Ба фикри мо, амалигардонии лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ метавонад ангезаи иловагии навсозии иқтидори илмӣ-техникӣ ва истеҳсолӣ-технологии соҳаҳои иқтисодиёти минтақа гардид, лекин аз бисёр ҷиҳат, аз амалиёти ҳамоҳанг, фаъолнокӣ ва ташаббус дар ҳамаи сатҳҳои идораи минтақавӣ ва соҳавӣ вобастааст.

Айни замон самарабахшии низоми ташаккули лоиҳаҳои минтақавии сармоягузорӣ, аз лиҳози назария ва методика мудалла кардани ин марҳила, таҳияи тарзҳои самарабахши экспертиза ва мониторинги онҳо – шарти муҳимтарини амалигардонии онҳо ба шумор меравад. Ғайр аз ин, самарабахшии амалигардонии лоиҳаҳои минтақавии сармоявӣ дар бисёр маврид аз хусусият ва ҳолати низоми ҳавасмандгардонии иштирокдорони гуногуни раванди сармоявӣ вобаста аст.

Лоиҳаҳои минтақавии сармоявии таҳияшуда бояд асоси таҳияи Стратегияи рушди сармоягузории минтақаҳои (вилоятҳои) Ҷумҳурии Тоҷикистон гарданд, ки он консепсияи сармоягузории минтақаи мушаххасро дар бар мегирад. Консепсияи мазкур бошад ба афзалиятҳои сармоягузории он, низоми ҳавасмандгардонии сармоягузорон ва идораи фаъолияти сармоявӣ, ҳамчунин лоиҳаҳои дорои аҳамияти минтақавӣ такя менамояд. Ҳалли ин вазифа таҳияи лоиҳаҳои минтақавии сармоявии босифат ва асосноки дорои аҳамияти стратегиро таъмин мекунад.

***Пайнавишт:***


1. *Блехцин И.Я. Стратегия устойчивого развития региональных систем. - СПб.: Изд-во ИРЭРАН, 2001. – 243 с.*
2. *Быстров О.Ф. и др. Управление инвестиционной деятельностью в регионах Российской Федерации: монография. – М.:ИНФРА-М, 2008. - 358 с.*
3. *Гневко В.А., Рохчин В.Е. Условия устойчивости развития региона как сложной хозяйственной системы//Российское предпринимательство. -2005. - №12. - С. 52-56.*
4. *Денисенко В.И., Филимонова Н.М. Управление проектами. - Владимир: Изд-во ВлГУ, 2015. - 108 с.*
5. *Джураева Н.Г. Региональные проекты в системе управления инвестиционными ресурсами//Вестник ТГУПБП. - № 3. – 2014. - С. 145-150.*
6. *Ковалев В.В. Инвестиции: учебник. - М.: ООО «ТК Велби», 2003. - 440 с.*
7. *Козловский В.А. Обеспечение устойчивого социально-экономического развития региона //Социально-экономические явления и процессы. - 2012. - № 12 (046). – С. 131-137.*
8. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» аз 19 марти 2013, № 944.*
9. *Логинов М.П. и др. Формирование механизмов управления региональными проектами в России (кибернетический подход)//Региональная экономика: теория и практика, 2017. Т. 15. Вып. 4. - С. 644–657.*
10. *Мазур И.И. и др. Управление проектами. 6-е изд., стер. - М.: Омега Л, 2010. - 960 с.*

11. *Мишуров С.С., Щуков В.Н. Основы регионалистики: учеб. пособие. – Иваново: Изд-во ИГТА, 2003 – 75 с.*
12. *Назаров А.Г. Региональные инвестиционные программы в системе стратегического развития субъектов федерации//Вестник Московского университета имени С. Ю. Витте. Серия 1. Экономика и управление. -2013. - №2. – С. 27-31.*
13. *Налоговый кодекс Российской Федерации (часть первая) от 31.07.1998 №146-ФЗ (ред. от 27.11.2018) http://www.consultant.ru/document/cons_ doc_LAW_19671 (санаи муроҷиат: 01.12.2018)*
14. *Петров А.М. Обеспечение устойчивого развития социально-экономической системы региона в современных условиях//Региональное развитие. 2014, № 1. - С. 25-28.*
15. *Подпругин М.О. Устойчивое развитие региона: понятие, основные подходы и факторы//Российское предпринимательство. 2012. - № 24 (222). - С. 214-221.*
16. *Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш. Словарь современных экономических терминов. 4-е изд. – М., 2008. – 480 с.*
17. *Сафоев А.К. Совершенствование механизма управления региональными инвестиционными проектами (на материалах Хатлонской области Республики Таджикистан)://дисс. канд. экон. наук. – Душанбе, 2015. – 175 с.*
18. *Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 110 с.*
19. *Филимонова Н.М. и др. Методические подходы к оценке лучших практик применения методов проектного управления органами государственной власти//Российское предпринимательство. -2013.- № 23(245). - С. 10-19.*
20. *Чаркина Е.С. Развитие проектного подхода в системе государственного управления: методология, опыт, проблемы /Научный доклад. – М.: ИЭ РАН, 2017. – 54 с.*
21. *http://www.pmi.org/; Московское отделение PMI. URL: http://www.pmi.ru (санаи муроҷиат: 01.12.2018).*
22. *https://official.academic.ru/21279 (санаи муроҷиат: 01.12.2018)*


### *Reference Literature:*


1. *Blekhtsin I. Ya. Strategy of Sustainable Development of Regional Systems. – SPb: Publishing house of the Institute of Russian Economics under Russian Academy of Sciences. – 2001. – 243pp.*
2. *Bystrov O.F. et alia. Management with Investitive Activity in Russian Federation Regions: monograph. – M.: INFRA-M, 2008. – 358 pp.*
3. *Gnevko V.A., Rokhchin V. H. Conditions of Sustainability of Development of the Region as a Complicated Economic System // Russian Entrepreneurship. 2005, No.12. – pp. 52-56.*
4. *Denisenko V.I., Filimonova M.N. Management with Projects. – Vladimir: Publishing house of Vladimir State University, 2015. – 108 pp.*
5. *Djurayeva N.Y. Regional Projects in the System of Management with Investitive Resources // Bulletin of TSULBP. 2014, No.3. – pp. 145-150.*
6. *Kovalyov V.V. Investitures: manual. – M.: “TK Velbi” Assoc. Ltd., 2003. – 440pp.*
7. *Kozlovsky V.A. Ensurance of Sustainable Socio-Economic Development of the Region // Socio-Economic Phenomena and Process. – 2012, No.12. (46). – pp. 131-137.*
8. *Tajikistan Republic Law “Agreement on Investments” from March 19, 2013, No. 944.*

*9. Loghinov M.P. et alia. Formation of Mechanism of Management with Regional Projects in Russia (cybernetic approach) // Regional Economy: Theory and Practice, 2017. V.15. Issue 4. - pp. 644-657.*

*10. Mazur I.I. et alia. Management with Project. The sixth edition, stereotype. – M.: Omega-L. 2010. – 960p.*

*11. Mishurov S.S., Shchukov V.N. The Grounds of Regionalistics: manual. – Ivanovo: Publishing house of Ivanovo State Technology Academy, 2003. – 75pp.*

*12. Nazarov A.Y. Regional Investitive Programs in the System of Strategic Development of Federation Subjects // Bulletin of Moscow University named after S. Yu. Vitte. Series I. Economics and Management. 2013, No. 2. – pp. 27-31.*

*13. Tax code of Russian Federation (part.1.) from 31.07.1998, No. 146-ФЗ (recension from 27.11.2018) (date of request: 01.12.2018)*

*14. Petrov A.M. Insurance of Sustainable Development of Socio-Economic system of the Region under Modern Conditions // Regional Development. – 2014, No. 1. – pp. 25-28.*

*15. Podprughin M.O. Sustainable Development of the Region: Concept, Principal Approaches and Factors // Russian Entrepreneurship. – 2012. No. 24 (222). – pp. 214-221.*

*16. Raizberg B.A., Lozovsky L. Sh. The Dictionary of Modern Economy Terms. The 4-th edition. – M., 2008. – 480pp.*

*17. Safoev A.K. Improvement of the Mechanism Managing Regional Investitive Project (on the Materials of Khatlon Viloyat of Tajikistan Republic) // Candidate dissertation in economics. – Dushanbe, 2015, - 175pp.*

*18. National Development Strategy of Tajikistan Republic up to 2030. – Dushanbe, 2016. -110pp.*

*19. Filimonova N.M. et alia. Methodical Approaches to an Assessment of the Best Practices Concerned with Application of the Methods of Project Management with State Power Bodies // Russian Entrepreneurship. 2013, No. 23 (245). – pp. 10-19.*

*20. Charkina Ye. S. The Development of Projects Approach in the System of State Management: Methodology, Experience, Problems // Scientific report. – M.: The Institute of Economics under Russian Academy of Science (IERAS). – 54pp.*

*21. http://www.pmi.org/;Moscow Section of PMI. http://www.pmi.ru(date of request: 01.12. 2018)*

*22. https://official.academic.ru/21279 (date of request: 01.12. 2018)*